«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
__________ Асрорзода У.С.
«____» ____11____2022

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович дар мавзуи "Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешкаш карда шудааст.**

## 1. Мубрамӣ ва муҳимияти мавзуи диссертатсия

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳо таъсири омилҳои ба татбиқи стратегия тараққиёти устувор таъсиррасонанда шиддат ёфта истодаанд. Пеш аз ҳама, ин хислатҳо ба коҳишёбии нақши сарчашмаҳои инноватсионии тараққиёт, татбиқи саноатикунонии босуръати иқтисодӣ ва мушкилотҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст. Ҳалли чунин мушкилот ба воситаи таҷдиди низоми иқтисодӣ имконпазир мегардад, ки қобилияти таъмини ҳамгироии ҷиҳатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии фаъолияти ҷамъиятӣ имконпазир мегардад. Дар ин ҷода масъалаҳои ташаккулёбии рақобатанокии иқтисодиёти минтақаҳо муҳимияти баландро пайдо менамоянд, ки барои дигаргуниҳои сохторӣ қобилият дошта, ҷараёни инноватсиониро фаъол мегардонанд ва дар ин васила тараққиёти устуворро таъмин карда метавонанд.

Ташаккулёбии рақобатнокӣ ва тараққиёти низоми иқтисодии минтақа дар таъсисёбии шароитҳои мусоид барои субъектони хоҷагидории он ва баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ нигаронида мешавад. Маълум аст, ки минтақаи рақобатнок барои таъмини рушди иқтисодии устувор афзалиятҳои зиёд дорад.

Зарурати асосноккунии назариявӣ ва амалии ташаккулёбии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа дар таъмини рушди устувори низоми иқтисодӣ бо муҳимияти мавзуи диссертатсияи тақризшаванда муайян карда мешавад.

## 2. Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илмии эълоншуда

Диссертатсияи Ҷураев М.Б. дар мавзуи "Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, ба Шиносномаи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат менамояд. Таҳқиқоти мазкур дар чорчӯбаи амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба роҳ монда шудааст.

## 3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия

Навгонии илмии диссертатсия дар маҷмӯи пешниҳодҳои ба ҳам алоқаманд оид ба инкишофи назарияҳои илмӣ доир ба таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа, коркарди пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ барои баланд намудани дараҷаи рақобатнокии минтақа ва ҳудудҳои маъмурии алоҳида ифода ёфта, натиҷаҳои назарраси илмие, ки навгонии илмии таҳқиқотро ифода мекунанд, чунинанд:

- консепсияҳои илмии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа низомбандӣ карда шуда, дар заминаи он тасҳеҳ ба мундариҷаи рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ворид карда шудааст. Аз ҷумла: рақобатнокии иқтисодиёти минтақа ин қобилияти маҷмӯавии мусоиди истеҳсолӣ, молиявӣ ва содиротии минтақа буда, дар сатҳи баланди фаъолнокии иқтисодӣ, ҷозибияти инвеститсионӣ, некӯаҳволии шоистаи аҳолӣ, самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, табиӣ, сармоявӣ инъикос ёфта, ҷараёни истеҳсолот ба талаботҳои ҳам бозори дохилӣ ва ҳам бозори беруна ҷавобгӯ мебошад;

- мавҷудияти усулҳои мухталифи арзёбии вазъи рақобатпазирии минтақа исбот карда шуда, дар асоси он бартарияти услуби интегралии арзёбӣ, ки ба се низоми алоҳидаи нишондиҳандаҳо такя менамояд, асоснок карда шудааст. Онҳо чунинанд: якум, низоми индикаторҳои фаъолнокии иқтисодӣ, муҳити сармоягузорӣ; дуввум, сатҳи зиндагии аҳолӣ; саввум, мавҷудият ва самаранок истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ. Алгоритми арзёбии рақобатпазирии иқтисодии минтақа коркард карда шудааст, ки пайдарҳамии амалҳои муайянро инъикос менамояд;

- таҳқиқ намудани таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба таъмини рақобатпазирии минтақа, низомбандӣ ва дар ин замина мақбулияти амалияи

мамолики хориҷӣ, алалхусус, ташкили мақомоти махсуси давлатӣ оид ба таъмини рақобатпазирии минтақа, яъне Шӯро оид ба рақобатпазирӣ (ИМА), мавҷудияти департаменти махсуси рақобатпазирӣ дар назди Вазорати савдои берунӣ ва саноат (Ҷопон); дар назди Вазорати рушди минтақаҳо (кишварҳои Аврупо) барои ташаккули механизми идоракунии рақобатпазирии минтақавӣ дар в. Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудааст. Муайян гардидааст, ки дар кишварҳои хориҷа баҳри таъмини рақобатнокӣ бештар ба фаъолияти маркетинги ҳудудӣ такя менамоянд, ки дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мақбулият дорад;

• рақобатнокӣ дар асоси нишондиҳандаҳои фаъолнокии иқтисодӣ ва ҷозибияти инвеститсионӣ дар минтақаҳо раддабандӣ карда шудааст. Аз ҷумла, ш. Душанбе – сатҳи хеле баланд в. Хатлон – баланд ва в. Суғд – сатҳи миёнаи рақобатнокиро доранд. Исбот гардидааст, ки дар миқёси шаҳру ноҳияҳои в. Суғд сатҳи хеле баланди рақобатнокӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон ва ноҳияи Ҷ. Расулов мавҷуд буда, дар шаҳрҳои Бӯстон, Панҷакент ва ноҳияҳои Б.Ғафуров ва Мастчоҳ – сатҳи баланд, шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Исфара, Спитамен ва Ашт – миёна ва шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Зафаробод ва Истиқлол – сатҳи пасти рақобатнокӣ мавҷуд мебошад;

• дар асоси нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳамзамон истифодаи самараноки захираҳо рақобатнокии минтақа, аз ҷумла, в. Суғд дорои сатҳи баланди рақобатнокӣ арзёбӣ гардида, ш. Душанбе рақобатпазирии хеле баланд дошта, в. Хатлон ва НТҶ дорои сатҳи миёнаи рақобатнокӣ мебошад. Муайян гардидааст, ки аз рӯи сатҳи зиндагии аҳолӣ шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Гулистон ва Хуҷанд мавқеи баланд, Б. Ғафуров, Ашт, Исфара, Конибодом ва Ҷ. Расулов мавқеи миёна ва дигар шаҳру ноҳияҳои в. Суғд дорои сатҳи пасти рақобатнокӣ мебошанд. Дар истифодабарии захираҳо ба гуруҳи сатҳи хеле баланд - ш. Бӯстон ва ш. Хуҷанд дар сатҳи баланд – ш. Гулистон ва н. Б. Ғафуров ва сатҳи миёна – ш.Панҷакент, н.Ашт ва н.Спитамен ва ба гуруҳи сатҳи пасти рақобатнокӣ - дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят шомил мегарданд;

• ҳисоби шохиси интегралии рақобатнокии минтақаҳо дар асоси якҷоя кардани қисмҳои таркибии он асоснок карда шудааст. Муайян гардидааст, ки ш. Душанбе мавқеи якум ва в. Суғд дуввумро дорад. Исбот шудааст, ки ҳолати мазкур ғайриқаноатбахш мебошад, зеро аз нишондиҳандаҳои миёнаи ҷумҳуриявӣ в. Суғд мавқеи поёнтар дорад. Ошкор гардидааст, ки шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Хуҷанд, Гулистон аз рӯи шохиси интегралӣ сатҳи хеле баланд ва Б. Ғафуров, Ҷ. Расулов, Панҷакент, Айнӣ, Ашт сатҳи миёна ва дигар шаҳру ноҳияҳо сатҳи пасти рақобатнокиро дорад;

• низоми чорабиниҳои ташкилӣ - идоракунӣ оид ба таъмини рақобатнокии иқтисодиёти ҳудудҳои маъмурии минтақавӣ, ки аз зерқисматҳои зерин коркард ва пешниҳод шудааст: якум, ташаккули механизмҳои институтсионалии мусоидаткунанда; дуввум, танзимоти таъсиррасонии мақомоти идоракунии маҳаллӣ, механизмҳои функсионалӣ - васоитӣ, барномавии мақсаднок, усулҳои мустақими танзим; саввум, такомули унсурҳои низоми идоракунии мақомоти идоракунӣ дар самти сохтор, технология ва захираҳо. Пешниҳод гардидааст, ки барои таъмин ва баланд бардоштани рақобатнокӣ стратегияи маркетингии минтақавӣ коркард ва татбиқ карда шавад.

## 4. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар рушди консепсияҳои илмӣ ва асосноксозии ҷабҳаҳои методии арзёбии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа дида мешавад. Муқаррароти илмие, ки дар ҷараёни иҷрои диссертатсия коркард шудааст, дар таҳия ва амалӣ намудани барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳое, ки баҳри баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Вазорати молияи ҶТ, алалхусус мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо истифода шуда метавонад.

Хулосаҳои илмӣ ва таҳияи тавсияҳо барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо метавонанд барои таъмини афзалиятҳои рақобатӣ дар иқтисодиёти минтақа истифода бурда шавад.

Ҷузъҳои алоҳидаи кор, ки дар худ тавсияҳои консептуалиро ҷиҳати баландбардории рақобатпазирии иқтисодиёти минтақаҳо дар бар мегиранд, метавонанд дар раванди омӯзиши фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Таҳлили иттилоотӣ – инноватсионӣ», «Иқтисодиёти минтақа», «Идоракунии давлатию маҳаллӣ» ва ғайра истифода бурда шаванд.

Диссертатсия дар заминаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро карда, дар ҷаласаҳои кафедра ва факултет муҳокима гардидааст.

## 5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳод

Ҳадафи асосии таҳқиқот дар инкишоф додани асосҳои назариявию методӣ ва дар асоси он коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба ташаккул додани рақобатнокии иқтисодиёти минтақавӣ дар шароити муосир муқаррар карда шудааст, мутобиқи мақсади гузошташуда вазифаҳои тадқиқот муқаррар карда шудаанд. Дар асоси дуруст муайян намудани мақсади гузошташуда объекти таҳқиқот ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию

иқтисодие маҳсуб меёбанд, ки ба таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа мусоидат менамояд ва предмети таҳқиқот ҳамчун ташаккули механизми баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф карда мешаванд. Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ҷураев М.Б. асарҳои илмии олимони иқтисоддони хориҷӣ ва ватаниро оид ба ташаккули рақобатпазирӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун замина барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ кишвар қабул карда шуда буданд, бомаҳоратона мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд. Бахри расидан ба ҳадафи гузошташуда ҷанбаҳои методологии таҳқиқот муқаррар карда шуданд, алалххсус шиносоӣ бо диссертатсия шаҳодат медиҳад, ки аз тарафи муаллиф усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-мантиқӣ, усулҳои иқтисодии оморӣ, усулҳои таҳлилӣ, сохторӣ-функсионалӣ ва омилию кластерӣ, усулҳои анъанавии таҳлили иқтисодӣ, синтез, усулҳои ҷадвалию графикии визуаликунонии маълумотҳои оморӣ истифода шудаанд. Натиҷаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда дарҷ гардидаанд. Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф дар асоси гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот ва интишорот тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ пешниҳод карда шудааст, ки оид ба саҳеҳ ва дуруст будани таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

**6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

Диссертатсияи Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович дар худ таҳқиқоти мустақилонаи масъала илмӣ, гузориши мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода менамояд. Сохтори диссертатсияи тақризшаванда мутобиқи мақсад, предмет ва объект мантиқан дуруст ташкил карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулосаву пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 140 номгӯйро фарогир аст, иборат буда, он дар 175 саҳифа матни асосӣ баён шуда, дар он 40 ҷадвал ва 13 расм ҷой дода шудаанд.

**Дар муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи мавзуъ, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд (с. 5-15).

**Дар боби якуми диссертатсия – “Асосҳои назариявии таҳқиқи ташаккули рақобатнокии минтақавӣ”** – ҷанбаҳои илмӣ ва мундариҷаи иқтисодии рақобатнокии минтақа дар шароити муосир, усулҳои баҳодиҳии вазъи рақобатнокии иқтисодиёти минтақа ва таҷрибаи хориҷӣ доир ба ташаккули рақобатнокӣ дар иқтисодиёти минтақа мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд. Доир ба омилҳои ба рақобат таъсиррасонанда, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки “барои тақвияти ин масъала дар шароити муосир бояд гуногунии манфиатҳои иқтисодии минтақаҳои сатҳҳои гуногун дар фаъолияти мақомоти маҳаллӣ ба инобат гирифта шавад” (с. 19). Дар саҳифаи 22 диссертатсия, муаллиф дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои назариявӣ ва муколамаи илмӣ бо муаллифони гуногун дар ҷадвали 1.1 матрисаи рақобати байниминтақавиро тахия кардааст, ки барои муайян намудани самтҳои асосии рақобатнокии иқтисодиёти минтақа имконият фарҳам овардааст (с. 23, ҷадвали 1.2). Боиси таъкид аст, ки чунин муносибати муаллиф дар доираи таҳқиқоти мазкур ва барои таҳқиқотҳои минбаъда оид ба баланд намудани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа аҳамияти зарурии назариявӣ-методӣ дорад.

Ҷураев М.Б. дуруст хулоса мебарорад, ки мутобиқи он “рақобатпазирии иқтисодиѐти минтақа инчунин аз мавҷудияти кластерҳои саноатию инноватсионии дар ҳудуди минтақаҳо ҷойгирбуда ва ҳамзамон аз маҷмааҳои соҳавию байнисоҳавии дорои шакли кластерӣ вобаста мебошанд. Самаранокии ҳудудҳои истеҳсолии мазкур тавассути баланд бардоштани ҳосилнокии соҳа ва ширкатҳои он, қобилияти инноватсионӣ, ҳавасмандкунии шаклҳои соҳибкории нав, қобилияти дастгирии инноватсия ва васеъсозии ҳудудҳои маҷмаавӣ, инчунин алоқаҳои мустаҳками дохилии қобили истеҳсоли маҳсулот бо сатҳи баланди самаранокӣ таъмин гашта, имконияти ноил гардидан ба натиҷаҳои беҳтарини мубориза рақобатиро таъмин менамоянд” (с. 42). Дар асоси омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи хориҷӣ, муаллиф диққати асосиро ба кишварҳои ИМА, Ҷопон, Фаронса, Швейтсария, Аврупои Ғарбӣ зоҳир намуда, оид ба воситаҳои иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазириро ба се блоки асосӣ ҷудо менамояд, ки қобили қабул мебошад (с. 65).

**Дар боби дуюми таҳқиқот – “Ҳолат ва тамоюли таъмини рақобатнокӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд”** – масъалаҳои рақобатнокӣ дар самти ҷолибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии минтақавӣ, сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва самаранок истифодабарии захираҳо ҳамчун ҷузъи таркибии рақобатнокӣ дар минтақа, арзёбии маҷмӯавии рақобатнокии минтақа ва фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ дар таъмини он мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар доираи боби мазкур унвонҷӯ рақобатнокиро аз рӯи меъёрҳои ҷолибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор дода, бо ин мақсад шохиси муқоисавиро дар қаламрави ҷумҳурӣ нисбат ба ҳисоби миёна ба ҳар як нишондиҳанда ба таври алоҳида ҳисоб кардааст (с. 89). Чунин муносибат ба муаллиф имкон фароҳам овард, ки чунин хулосабарорӣ намояд: "Дар байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаи ҷолибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии иқтисодии минтақаҳо шаҳри Душанбе сатҳи "хеле баланд"-и рақобатпазирӣ дорад. Вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сатҳи "баланд"-и рақобатпазирро соҳиб мебошанд ва вилояти Суғд бошад дар байни минтақаҳо ба сатҳи "миёна"-и рақобатпазирӣ ноил шудааст. Аз ин ҷо хулоса намудан мумкин аст, ки иқтидори иқтисодии вилояти Суғд ҷиҳати ҷалби инвеститсияҳо ва таъмини фаъолнокии баланди субъектҳои иқтисодӣ пурра истифода нашудааст" (с. 90). Ин ақидаи худро муаллиф бо нишондиҳандаҳои ҷолибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар соли 2020 асоснок намудааст (ҷадвали 2.9, с. 91).

Ҷураев М.Б. дуруст қайд менамояд, ки "барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва ноил гаштан ба рушди босубот ҳалли вазифаҳои зеринро бояд ба мадди назар гирифт: таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳо бо назардошти истифодаи оқилонаи иқтидори онҳо, таҷдид ва нигаҳдории захираҳои маҳаллӣ ва ҳифзи муҳити зист; ҳалли муаммоҳои байнисоҳавии илмию техникӣ ва ташкилию идоракунӣ, инчунин пешгирӣ кардани оқибатҳои бӯҳронҳои пешомада; баланд бардоштани сатҳи технологию иттилоотии ҳамаи соҳаҳои фаъолияти хоҷагии минтақа барои ноил шудан ба рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасониҳои сохторҳои соҳибкорӣ; татбиқи самараноки стратегияи рушди минтақа дар амал" (с. 95).

Ақидаи муаллиф оид ба "махсусгардонии нокифоя, дараҷаи пасти самаранок истифодабарии захираҳо боиси заиф гардидани муқобилияти минтақа (вилояти Суғд) ба ҳар гуна бӯҳронҳо гардида, дар маҷмӯъ метавонад сатҳи умумии рақобатпазирии онро коста намояд. Вобастагии истеҳсолоти саноатӣ аз хусусиятҳои соҳаи аграрии минтақа (истеҳсолгарони пахта, абрешим ва ғайра), устувории иқтисодиёти минтақаро паст намуда, бевосита ба рақобатпазирии он таъсир мерасонад" (с.110), ки ин ақидаи диссертант ҷолиби диққати махсус буда, барои ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта ва баланд намудани рақобатнокии иқтисодиёти минтақа хеле зарурист.

Баҳри муайян намудани саҳми самараноки мақомотҳои идоракунии давлатии минтақаҳо муаллиф дуруст қайд мекунад, ки "бо мақсади муайянкунии мавқеи вилояти Суғд ҳамчун майдон барои амалигардонии

манфиатҳои сармоягузорон, фаъолгардонии фаъолияти корхонаҳои сармоягузорию инноватсионӣ, мақомоти ваколатдори вилоятро зарур аст, лоиҳаҳои минтақавиро доир ба рушди саноат ва технопаркҳо коркард намояд" (с.122).

**Дар боби сеюми диссертатсия – "Такомули механизми таъмини рақобатнокии минтақавӣ" –** самтҳои афзалиятноки танзими давлатӣ оид ба таъмини рақобатнокии минтақа, маркетинги ҳудуди ҳамчун стратегияи таъмини рақобатнокии минтақа мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар доираи ин боб муаллиф тавонистааст, самтҳои афзалиятноки танзими давлатиро оид ба таъмини рақобатпазирӣ дар асоси таҳлили раддабандии бархе аз мамлакатҳои ИДМ-ро доир ба иқтисодиёти рақобатпазир дар соли 2019 муайян кардааст (ҷадвали 3.1, с. 129). Вобаста ба ин масъала унвонҷӯ ақидаи дуруст баровардa, қайд менамояд, ки "пурзӯршавии рақобати байниминтақавӣ, ба миён омадани тағйиротҳо ҳам дар муҳити беруна ва ҳам дар дохилаи минтақа зарурияти коркарди механизми идоракунии рақобатпазирии минтақаро ба миён овардааст" (с.131). Чунин муносибат ба муаллиф имон фароҳам овардааст, ки усулҳои танзими давлатии баланд бардоштани рақобатнокии минтақаро гурӯҳбандӣ намуда, онҳо ба мустақим ва ғайримустақим таснифот кардааст (ҷадвали 3.2, с.133-134).

Бо чунин тарз муаллиф стратегияи маркетингии вилояти Суғдро ҳамчун унсури стратегии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ гурӯҳбандӣ карда, дар доираи он бозори мақсадҳо, маҳсулот, стратегияҳо ва дар ниҳоят самти рушди маркетинги ҳудуди минтақаро муқаррар намояд (ҷадвали 3.6, с. 146).

Кори диссертатсионӣ бо хулоса ва тавсияҳои амалии судманд барои баланд намудани рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа анҷом ёфтааст, ки аз ҷиҳати илмию амалӣ асоснокшуда мебошанд (с.156-159).

### 7. Эроду тавсияҳо доир ба диссертатсия

Новобаста аз сатҳи баланди кори диссертатсионӣ доир ба он як қатор нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст, ки ба сифати эроду тавсияҳо баромад мекунанд:

1. Ба андешаи мо, сатҳу сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид, агар унвонҷӯ ҳангоми баррасии мундариҷаи иқтисодии рақобатнокии минтақа бештар ба олимони ватанӣ диққат зоҳир мекард.

2. Дар диссертатсия омӯзиши таҷрибаи хориҷии баланд намудани дараҷаи рақобатнокӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, лекин мутаассифона, қайд карда нашудааст, ки таҷрибаи кадом кишвар барои

истифодабарӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар мутобиқат менамояд.

3. Ҳангоми таҳлил ва баҳодиҳии ҷолибияти инвеститсионии минтақаҳо дар ҷодаи баланд намудани рақобатнокӣ беҳтар мешуд, агар дар асоси рейтингҳои аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ муқаррар мешуда, таҳлили муқоисавӣ гузаронида шавад.

4. Вобаста ба масъалаи арзёбии рақобатнокии минтақа ва фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ беҳтар мешуд, ки дар асоси таҳлили позитивӣ ба хулосаи нормативӣ гузашта, самтҳои мутобиқсозии фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ ва баланд намудани рақобатнокии иқтисодиёти минтақа муқаррар карда мешуданд.

5. Ҳангоми муқаррар намудани усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими давлатии рақобатнокӣ баҳодиҳии комплексии таъсири чунин усулҳо истифода карда шавад, боз ҳам беҳтар мешуд.

6. Дар расми 3.3, - амсилаи коркарди стратегии маркетингии минтақавӣ (с.148) оварда шудааст, лекин асосноккунии ҳар як омилҳо ва тағйирёбандаҳои дар ин расм нишондодашуда, ба таври пурра шарҳи худро наёфтаанд.

Бояд қайд аст, ки эроду тавсияҳо зикргардида ба сатҳи умумии назариявию амалии кори диссертатсионии Ҷураев М.Б. таъсири манфӣ намерасонад. Диссертатсияи тақризшаванда, таҳқиқоти ба итмомрасида буда, мустақилияти муаллиф дар омода намудани он эҳсос мешавад.

## 8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Асарҳои интишоршудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд. Аз рӯи натиҷаи кори диссертатсионӣ 11 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудааст. Дар ҳамаи мақолаи илмии Ҷураев М.Б. муҳтавои тадқиқот ба таври лозима инъикос гардидааст.

## 9. Мутобиқати автореферат ба муқарраротҳи асосии диссертатсия

Автореферати диссертатсия тибқи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии тадқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## 10. Хулоса оиб ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида

Диссертатсия дар мавзуи "Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа доктор PhD аз рӯйи ихтисос, ки бо "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию илмӣ, навгонии илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович сазовори дараҷаи илмии доктор (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ Донишгоҳи байналмиллалӣ сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи 4, аз 10 ноябри соли 2022).

**Раиси ҷаласа:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи назарияи**
**иқтисодӣ ва фаъолияти**
**соҳибкории ДБССТ,** **Одиназода К.С.**

**Ташхисгар:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири кафедраи назарияи**
**иқтисодӣ ва фаъолияти**
**соҳибкории ДБССТ** **Ҳабибуллозода М.Ҳ.**

**Котиби ҷаласа:** **Неъматуллозода Ф.Н.**

Имзоҳои Одиназода К.С., Ҳабибуллозода М.Ҳ., ва Неъматуллозода Ф.Н.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

Суроғаи муассисаи пешбар: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел: (+922 37) 234-88-02. E-mail: dsx_ips@mail.ru